# ХУЛОСАИ
# ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-100 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН
**аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №___
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 25.04.2026, №6

Барои сазовор донистани Бобомуродов Пайрав Хайриевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ

Диссертатсия дар мавзуи «Такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ аз 10 феврали соли 2026 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5), ки тибқи фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2025 таҳти №353/шд таъсис ёфтааст, ба ҳимоя қабул карда шудааст (суратмаҷлиси №4 аз 14 феврали соли 2026).

Довталаби дараҷаи илмӣ – Бобомуродов Пайрав Хайриевич 3 феврали соли 1986 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, миллаташ тоҷик.

Бобомуродов Пайрав Хайриевич соли 2008 собиқ Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизматро аз рӯйи ихтисоси ҳисоби бухгалтерӣ ва аудит хатм намудааст. Аз соли 2018 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таҳсилро оғоз намуда, онро соли 2021 хатм кардааст.

Бобомуродов Пайрав Хайриевич фаъолияти кориашро соли 2008 дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (собиқ Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат) ба ҳайси ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит оғоз намудааст.

Аз соли 2015 то кунун ба ҳайси ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Оиладор, соҳиби 3 фарзанд.

Диссертатсия дар кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Мирзоалиев Абдумалик Абдунабиевич, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

- Қодирова Гулмо Толибовна - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти Академияи идоракунии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Манучеҳри Нозимии Раҷабзода - доктори фалсафа (PhD), муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ тақризи мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба бахши баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, метавонад арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Хулосаи мусбати додашудаи муассисаи пешбар аз ҷониби коршинос, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Раҷабов Туймурод Бободавлатович таҳия гардида, дар ҷаласаи кушоди ҳамин кафедра муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №9 аз 04.04.2026 с.). Тақриз бо имзо ва муҳри ректори ДМТ, д.и.х., профессор Насриддинзода Э.С. тасдиқ гардидааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки таҳқиқоти диссертатсионии Бобомуродов Пайрав Хайриевич дар мавзуи «Такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18. - Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит кори илмии мукаммал ва баанҷомрасида буда, дар он натиҷаҳои нави назариявӣ, методологӣ ва амалии аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба даст оварда шудаанд. Мубрамӣ, навгонӣ, асоснокии муқаррароти асосии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, инчунин аҳаммияти он барои илми иқтисодӣ ва амалияи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) гувоҳӣ медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ, умуман, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 367 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он - Бобомуродов Пайрав Хайриевич барои соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 - Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит сазовор мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 23 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

[1-М]. Бобомуродов, П.Х. Масъалаҳои назариявии идоракунии хароҷот дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) [Матн] / П.Х. Бобомуродов, Н.Я. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе. - 2018. - №7. - С. 82-86. ISSN 2413-5151.

[2-М]. Бобомуродов, П.Х. К вопросу о роли дехканских хозяйств в продовольственном обеспечении населения [Текст] / П.Х. Бобомуродов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе. – 2018. - №8. - С. 128-131.

ISSN 2413-5151.

[3-М]. Бобомуродов, П.Х. Государственная поддержка как важный фактор эффективного развития сельского хозяйства Республики Таджикистан» [Текст] / П.Х. Бобомуродов, Н.Я. Каримов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе. - 2018. - №8. - С. 163-168. ISSN 2413-5151.

[4-М]. Бобомуродов, П.Х. Ташкили баҳисобгирӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) [Матн] / С.Ф. Низомов, П.Х. Бобомуродов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе. - 2020. - №8. - С. 133-140. ISSN 2413-5151.

[5-М]. Бобомуродов, П.Х. Хусусиятҳо ва аҳаммияти фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар рушди идоракунии иқтисоди миллӣ [Матн] / П.Х. Бобомуродов, Х.Х. Бадалов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе. - 2022. - №1 (40). - С. 29-35. ISSN 2308-054X.

[6-М]. Бобомуродов, П.Х. Истифодаи модели баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) (дар мисоли водии Зарафшон) [Матн] / П.Х. Бобомуродов // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. - 2023. - №4/2 (39). - С. 222-229. ISSN: 2663-0389.

[7-М]. Бобомуродов, П.Х. Ташаккули низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ: ҷанбаҳои амалӣ [Матн] / П.Х. Бобомуродов // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. - 2024. - №2 (41). - С. 94-103. ISSN: 2663-0389.

[8-М]. Бобомуродов П.Х. Мирзоалиев А.А. Такмилдиҳии баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) / П.Х. Бобомуродов, А.А. Мирзоалиев // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. - 2025. - №4. - С. 175-182. ISSN: 2663-0389.

**Б. Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмуи маводи конференсияҳо**

[9-М]. Бобомуродов, П.Х. Хусусиятҳои баҳисобгирии хароҷот дар хоҷагиҳои деҳқонии (фермерӣ)-ии ҶТ [Матн] / П.Х. Бобомуродов // Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Масъалаҳои мубрами омори соҳавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаъҳои методӣ ва методологӣ” ДДМИТ ш. Душанбе. - 2018. - С. 174-179.

[10-М]. Бобомуродов, П.Х. Муаммоҳои ташаккулёбии хоҷагиҳои деҳқонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / П.Х. Бобомуродов // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии хайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни ДДМИТ аз рӯи натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ. – Душанбе. - 2018. - С. 135-137.

[11-М]. Бобомуродов, П.Х. Нақши хоҷагиҳои деҳқонӣ дар рушди деҳот [Матн] / П.Х. Бобомуродов // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни ДДМИТ аз рӯи натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ. – Душанбе. - 2019. - С. 141-143.

[12-М]. Бобомуродов, П.Х. Тартиби бурдани баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқони (фермерӣ) [Матн] / П.Х. Бобомуродов // Маводи Конфренсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону

кормандон, магистрантону докторантон ва донишҷӯён бахшида ба “30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Соли маърифати ҳуқуқӣ” ДДМИТ (ш. Душанбе 24-уми апрели соли 2024). - С. 461-466.

[13-М]. Бобомуродов, П.Х. Совершенствование учета расходов и выхода продукции растениеводства [Текст] / П.Х. Бобомуродов // Материалы XI-ой Международной научно-практической конференции (22-23 октября 2023г., г. Душанбе). Общественный Институт профессиональных бухгалтеров и аудиторов Республики Таджикистан. – 2023. - С.108-110.

[14-М]. Бобомуродов, П.Х. Самтҳои такомули баҳисобгирии захираҳои истеҳсолӣ) [Матн] / П.Х. Бобомуродов // Маводи конфронси I илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил, аудит, андозбандӣ, назорати давлатии молиявӣ: таҳдидҳои муосир ва самтҳои рушд» (ДМТ, ш. Душанбе 19-20 январи соли 2024). - С.70-76.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шуданд:**

1. **Аз номи д.и.и., профессори кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур Шарифов З.Р.** бо чунин эродҳо:

- хуб мебуд, агар дар автореферати диссертатсия рақамҳои оморӣ аз фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ дар шакли ҷадвалу расмҳо зиёдтар оварда мешуд.
- эътимоднокии таҳқиқот баланд мегардид, агар муаллиф дар рафти коркарди амсилаҳои таҳияшуда, маълумоти амалии хадамоти ҳисобдории хоҷагиҳои деҳқониро мавриди истифода қарор медод.

**2. Аз номи д.и.и., доктори илми иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Исмоилов М.М.** бо чунин эродҳо**:**

- аз маълумоти рақамии таҳлилшудаи автореферат дар сатҳи зарурӣ хулосаю пешниҳодҳо бароварда нашудааст;

- механизми танзими давлатии хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки дар расми 3 (саҳ.18) оварда шудааст, дар сатҳи қаноатбахш шарҳ дода нашудааст.

3. **Аз номи номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Данғара Раҳматов Б.Қ.** бо чунин эродҳо**:**

- банди якум ва дуюми навгонӣ нисбатан маълумоти зиёдро дар бар гирифтаанд;

- дар расми 1 монеаҳои асосии рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд. Лекин монеаҳои қайдшуда шарҳ дода нашудаанд.

4. **Аз номи н.и.и., дотсент, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Зувайдуллозода Г.Х.** бо чунин эродҳо:

- муаллифи диссертатсия алоқамандии СБҲМ ва меъёрҳои миллии баҳисогирии муҳосибиро аз мавқеи такмили баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар сатҳи зарурӣ нишон надодааст;

- барои таъмини эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот хуб мебуд, агар муҳаққиқ амсилаҳои таҳияшударо то андозае фаҳмо ва равшантар шарҳ медод.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, муқарризони ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе эроду камбудиҳои автореферати диссертатсия муҳиммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварӣ ва дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид кардаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***исбот карда шудааст, ки*** муҳиммияти баҳисобгирии муҳосибии мукаммал дар системаи идоракунии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) боиси беҳтар шудани самаранокии кор дар ин соҳа мегардад. Истифодаи шакл ва усулҳои қобили қабул дар низоми баҳисобгирии муҳосибии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) барои рушд ва самаранокии соҳа муҳим буда, барои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ҳамчун субъектҳои мустақили бахши аграрии иқтисоди миллӣ асосҳои ташкил, пешбурд ва ҷамъбасти баҳисобгирии муҳосибӣ технологияҳои рақамӣ истифода бурда шавад;

- ***коркард карда шудааст:*** амсилаҳои ташкил ва пешбурди кори хадамоти ҳисобдорӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), аз қабили: а) амсилаи умумии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ; б) амсилаи пешбурди баҳисобгирии муҳосибии хоҷагиҳои деҳқонӣ дар шароити рақамикунонӣ; в) амсилаи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳияи ҳисобот дар хоҷагиҳои деҳқонии ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон асосёфта; барномаи низоми назорати дохилӣ ва методикаи амалкарди низоми назорати дохилӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ;

- ***пешниҳод карда шудааст:*** методологияи баҳисобгирии муҳосибии хоҷагиҳои деҳқонии ба методологияи умумии мақоми ваколатдори соҳа ва таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ (СБҲМ) асосёфта, методикаи мушаххаси пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), татбиқи СБҲМ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ва хусусиятҳои корҳои ҳисобдорӣ дар онҳо тибқи муқаррароти СБҲМ (IAS) 41 «Кишоварзӣ», зарурати назорати дохилӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ); татбиқи муқаррароти дастурамали соҳавӣ - “Дастурамали пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳияи ҳисоботи муҳосибӣ” дар хоҷагиҳои деҳқонӣ;

- ***асоснок карда шудааст***: моҳияти роҳандозии СБҲМ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба воситаи рушди неруи иқтисодии онҳо, дар асоси муқаррароти СБҲМ (IAS) 41 «Кишоварзӣ» дороиҳои биологии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фаҳмишҳои асосӣ гурӯҳбандӣ ва тартиби арзёбии онҳо; вобастагии такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба коркард ва истифодаи ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ ва сабткунакҳо; саҳми назарраси хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар ғанӣ гардонидани бозорҳои озуқавории кишвар;

- ***ошкор карда шудааст:*** мушкилоти хадамоти баҳисобгирии муҳосибии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) – дар сатҳи қаноатбахш истифода нагардидани нигоҳдорандаҳои маълумоти баҳисобгирӣ, пешбурди корҳои ҳисобдорӣ дар шароити номувофиқ, дар хоҷагиҳои деҳқонӣ истифодаи нокифояи имкониятҳои технологияҳои рақамии баҳисобгирии муҳосибӣ.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки** асосҳои назариявии он ба рушди заминаҳои назариявии такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва коркарди методу усулҳои нави баҳисобгирии муҳосибӣ ва молиявӣ барои ин гуна муассисаҳои деҳқонӣ мусоидат карда, боиси беҳтаршавии самаранокии иқтисодӣ гардад. Ин тадқиқот метавонад асоси назариявии рушди соҳаи муҳосибӣ ва молияviро дар соҳаи кишоварзӣ таъмин намояд. Ҷанбаҳои назариявии коркардшуда ва тавсияҳои методологии пешниҳодшуда барои рушди пажӯҳишҳои илмӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ муфид хоҳанд буд.

Дар диссертатсия далелҳои илмию назариявие оварда шудаанд, ки фарзияи таҳқиқотро оид ба татбиқи СБҲМ ва муқаррароти дастурамали соҳавӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), истифодаи имкониятҳои технологияҳои рақамии баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ имконпазир мегардонанд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия бо он тасдиқ карда мешавад, ки:**

– хулосаю пешниҳодот ва тавсияҳои амалии диссертатсия бо роҳи ворид намудани онҳо дар барномаҳои давлатии рушди соҳаҳои иқтисодӣ, аз ҷумла барномаҳои рушди низоми ҳисобдории хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) барои такмили хадамоти ҳисобдорӣ мусоидат менамоянд.

Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бо фарогирии тавсияҳо оид ба татбиқи стандартҳои байналмилалӣ дар низоми низоми ҳисобдории хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), инчунин дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит мавриди истифода қарор гирифтаанд (маълумотнома-санадҳои татбиқ аз Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, хоҷагии деҳқонии шарикии «Мурутак» мавҷуд аст);

– **тавсияҳо оид** ба истифодаи методикаи мушаххаси пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, коркарди сабткунакҳои баҳисобгирии муҳосибӣ (шаклҳои №1-ХД – 11-ХД) ба баланд бардоштани сифати ҳисоботи молиявии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мусоидат хоҳад кард;

- **муайян карда шудааст**, ки амсилаи пешбурди баҳисобгирии муҳосибии хоҷагиҳои деҳқонӣ дар шароити рақамикунонӣ афзалияти иқтисоди рақамиро ифода намуда, иҷрои саривақтии корҳои ҳисобдориро таъмин мекунад;

- **тавсияҳои амалӣ** ҷиҳати такмили унсурҳои низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ ва унсурҳои методии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар мисоли хоҷагиҳои водии Зарафшон пешниҳод карда шудааст, ки шакли содакардашудаи баҳисобгириро бо дарназардошти принсипи сабти дутарафа, роҳандозии бартариҳои рақамикунониро барои баҳисобгирии муҳосибии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар бар мегирад;

- **пешниҳод карда шудааст**, ки роҳандозии стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ талаботи истифодабарандагони иттилоотро қонеъ гардонида, сармоягузории хоҷагиҳои деҳқониро зиёд ва

гузариши корҳои ҳисобдориро аз микдор ба сифат таъмин, методологияи дохилии корҳои ҳисобдориро устувор менамояд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** нишон доданд, ки онҳо ба таҳлили пурраи корҳои илмии муаллифони гуногун дар мавзуи таҳқиқшуда, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба амалигардонии Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи тадбирҳои иловагии танзими баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» такя менамоянд. Таҳқиқоти илмӣ ба самти корҳои илмию таҳқиқотии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Маводи илмии соҳавӣ, иттилооти ҳисоботҳои молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ, хусусан хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), натиҷаҳои мусоҳибаҳо ва пурсишҳои муаллиф истифода шуда, корбурди дурусти усулҳои муназзами ҳалли мушкилот дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ таъмин карда шудааст.

Хулоса ва тавсияҳо, ки дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд, ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ мебошанд:

– **назарияи таҳқиқот** ба муқаррароти назариявӣ ва методологии соҳаи гуногуни илми иқтисод ва олимони ватанию хориҷӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит асос ёфтааст;

– **ғояи таҳқиқот** аз омӯзиши супоришҳо ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, таҳлили амиқи назарияҳо ва муқаррароти баҳисобгирии муҳосибӣ, таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ, маводи конференсияҳо ва интишороти илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ маншаъ мегирад;

– барои **тасдиқи фарзия** ва хулосаҳо маълумоти оморӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва коркарди заминаҳои назариявию методӣ ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ ба такмили низоми ҳисобдории хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) истифода шудаанд.

Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар рушди назария ва амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ифода ёфта, чунин ҷанбаҳои асосиро, ки аз ҷониби худи муаллиф анҷом дода шудаанд, дар бар мегирад:

- омӯзишу таҳлил, ҷамъбасту банизомдарорӣ, аниқ ва пурра кардани равишҳои назариявию методӣ ва амалии ташкил, пешбурди баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ);
- пешниҳоди тавсияҳо оид ба такмили унсурҳои методикаи ҳисобдории хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ).
- таҳқиқи вазъи феълии ҳисобдории хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)

дар водии Зарафшон.

Ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқот дар тамоми зинаҳои таҳқиқот, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асосноккунии мубрамӣ ва аҳаммияти он барои илми муҳосибии муосир, муқаррар кардани мақсад ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф анҷом дода шудаанд.

Муқаррароти асосии диссертатсия дар 24 адад кори илмӣ инъикос ёфтааст, аз ҷумла 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба нашр расонида шудаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар шакли гузоришҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешкаш гардида, дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, ки тули солҳои 2018-2025 баргузор гардидаанд, аз тарафи муаллиф маъруза гардида, баҳои мусбат гирифтаанд. Муқаррароти назариявӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқот дар раванди таълими зинаи бакалавриат ва магистратура дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз фанҳои «Назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ», «Баҳисобгирии муҳосибӣ», «Баҳисобгирии муҳосибӣ-молиявӣ», «Баҳисобгирии муҳосибӣ-идоракунӣ», «Масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ» истифода мешаванд (маълумотнома-санади татбиқ мавҷуд аст).

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Бобомуродов Пайрав Хайриевич дар мавзуи «Такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 25 апрели соли 2026 қарори сазовор донистани Бобомуродов Пайрав Хайриевич ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 13 нафар иштирок доштанд (2 нафар онлайнӣ), аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда - 4 нафар.

Овоз доданд: тарафдор – 13 нафар, муқобил - нест, бюллетени беэътибор - нест.

**Муовини раиси шурои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., профессор** **Раҳимов С.Х.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**доктори фалсафа (PhD)** **Сайфиддинзода С.С.**

25 апрели соли 2026